Тақризи
доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба автореферати диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст

Таҳқиқ ва баррасии истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар забоншиносии муосири тоҷик аз самтҳои мубрам ва муҳим арзёбӣ мешавад ва ин масъала мустақиман ба равандҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсиву иктисодӣ рабти ногусастанӣ дорад. Дар баробари ин афзоиши теъдоди вожагони касбиву соҳавӣ ва маъмулан истилоҳот ба рушди илму техника ва густариши муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ ва муносибатҳои байналмилалии кишвари мо, ҳамчунин робитаҳои байнифарҳангиву байнизабонӣ алоқаманд аст. Дар ин росто таваҷҷуҳи аҳли илму адаб ва олимону донишмандони забоншиносро масоили мухталиф ва муҳимми истилоҳоти ҳарбӣ, истилоҳшиносӣ ва роҳу воситаҳои истилоҳсозӣ дар забонҳои гуногунсохт ҷалб намудааст. Омӯзиши вижагиҳои тафсири маънои истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ кор карда баромадани шарҳу тавзеҳ ва тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои ба як низоми муайян даровардани истилоҳоти мавриди таҳқиқ дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат менамояд.

Истилоҳоти ҳарбӣ низ як бахши мустақили таърихиву фарҳангии ҳар як халқу миллат ба ҳисоб рафта, баёнгари марҳилаҳои мухталифи ташаккул ва таҳаввули забон ба шумор меравад. Бинобар ин мавзуи таҳқиқотии Муродова Парвина Бобоҷоновна таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, аз масъалаҳои мубрами илмӣ ба шумор меравад.

Истилоҳоти ҳарбӣ дар баробари истилоҳоти соҳаҳои дигар як ҷузъи таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд. Ба таври махсус бояд қайд намуд, ки истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷик таърихи тулонӣ дошта, сарчашмаҳои худро аз аҳди қадим касб намудааст. Мавзуи таҳқиқот бо барномаҳои таълимӣ ва масоили омӯзиши истилоҳшиносиву истилоҳсозии ҳарбӣ иртиботи бевосита дошта, ба нуктаҳои асосии барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438 “Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои тоҷикиву англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” мувофиқат мекунад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар бо роҳи таҳлили муқоисавӣ ва таҳқиқи умумӣ мавриди омӯзиш қарор додани шарҳу тавзеҳи лексикографии истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатномаҳои тафсирии забони тоҷикӣ ва англисӣ, мушаххас намудани вижагиҳои сохториву маъноӣ ва этимологии ин гурӯҳи истилоҳот муаррифӣ шудааст.

Навгонии таҳқиқ дар он асос меёбад, ки дар кори диссертатсионии мазкур шарҳу тавзеҳи забоншиносӣ ва решашиносии истилоҳоти ҳарбӣ бори нахуст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи фарҳангномаҳои муосири тафсирии

забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ шуда, ҳамчунин тавсифи сохторӣ-маъноӣ ва маънои истилоҳии истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он аст, ки хулосаву натиҷаҳои бадастомада ҳамчун сарчашма барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти ҳарбӣ метавонад, мавриди истифодаи васеъ қарор дода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонад ҳамчун восита ва ё дастури таълимӣ барои мутахассисони соҳаи истилоҳот, забоншиносони муқоисавӣ ва барои истифода дар мақомоту корхонаҳои соҳавӣ хидмат намояд. Луғат ва истилоҳоти ҷамъовардашуда дар бахши назария ва амалияи тарҷумаи матнҳои тахассусӣ, ҳангоми таҳия намудани луғатномаҳои тафсирӣ ва соҳавӣ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳои амалии таҳқиқро барои омода намудани воситаҳои таълимӣ ва таҳияи луғатномаҳои ҳарбӣ истифода намудан мумкин аст.

Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбиро дар заминаи фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди пажуҳиш қарор дода, дар зимн шарҳу тавзеҳи этимологии истилоҳоти ҳарбиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба риштаи таҳлил кашидааст. Саҳми диссертант боз дар он аст, ки зимни ҷамъоварии маводи илмӣ ва гузаронидани таҳқиқот таснифи мавод ва навиштани рисолаи илмӣ машғул шуда, дар робита ба ин масъала мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конференсияҳо бо маърузаҳои илмӣ баромад кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия унвонҷӯй доир ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, зарурати интихоби мавзуъ, усули таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои назариявии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ, таҳлили адабиёти марбут ба мавзуъ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда маълумоти муфассал ироа мекунад.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявии таҳлил ва омӯзиши муқоисавии истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ дар забонҳои гуногунсохтор” ном дошта, аз ҳафт зербоб иборат аст. Дар боби мазкур унвонҷӯй муаммоҳои назарии соҳаро бо такя ба пажуҳишҳои муҳаққиқони гуногун мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин боб чунин масоили мубрами назарӣ чун баррасии назарии мафҳуми истилоҳ, истилоҳшиносӣ дар сарчашмаҳои забоншиносӣ, ташаккули назарияи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосир ва таърихи омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муфассал сурат гирифтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия бо номи “Шарҳу тафсири маъноии истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатномаҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” дар нуҳ зербоб масоили мубрами маъниофарӣ ва ифодаи маънои истилоҳоти соҳавӣ баррасӣ шудааст, ки арзиши рисолаи илмиро боло мебарад. Дар ҷараёни таҳқиқ маълум шудааст, ки ҳамзамон ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ

истилоҳоти ҳарбӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва гунанокӣ ҳамчунин аз нигоҳи шаклҳои грамматикӣ навъҳои мухталиф дорад.

Дар ин боб дар фаслу зербобҳои ҷудогона усулҳои асосии вожасозӣ ва иборасозӣ, ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳқиқи истилоҳоти сода дар забони тоҷикӣ ва дар забони англисӣ, вижагиҳои истилоҳоти сохта дар забони англисӣ, истилоҳоти мураккаб дар забони тоҷикӣ ва англисӣ бо мисолҳои ҷолиб мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд. Дар зербобҳои ҷудогона вижагиҳои истилоҳоти ҳарбӣ, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дар қолаби ибораҳо мавҷуданд, ба қалами таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ин росто ибораҳои аз нигоҳи ҷузъҳои таркибиашон ба гурӯҳҳои морфологӣ тасниф шудаанд, ки ба назар ҷолиб менамояд ва қобили арзиши илмӣ аст.

Дар боби сеюм бо номи "Шарҳу тавзеҳи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" дар ду фасли ҷудогона таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои этимологии истилоҳоти ҳарбӣ ва махсусан мансубияти онҳо ба забонҳои гуногун таҳлилу таҳқиқ шудааст. Дар баробари ин таснифоти истилоҳоти ҳарбӣ аз нигоҳи баромади таърихӣ ва мансубияти забонии онҳо гузаронида шудааст, ки арзиши махсуси илмиро дорост. Аз ҷумла истилоҳоти аслии ҳарбии хоси забони тоҷикӣ, истилоҳоти ҳарбии арабӣ, русӣ, лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва истилоҳоти ҳарбии англисӣ дар забони тоҷикӣ дар фаслҳои ҷудогона бо мисолҳо таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм ба таҳқиқи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забони англисӣ бахшида шуда, дар ин фасл низ истилоҳоти ҳарбии аслӣ дар забони англисӣ, истилоҳоти ҳарбии лотинӣ, юнонӣ, истилоҳоти ҳарбии фаронсавӣ ва истилоҳоти ҳарбии олмонӣ дар забони англисӣ дар қисматҳои ҷудогона бо мисолҳо ва бо такя ба фарҳангу осори илмии соҳавӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар хулосаи таҳқиқот унвонҷӯй аз дастовардҳои илмии худ натиҷагирӣ намуда, нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро ба таври мушаххас ироа намудааст. Ҳамчунин дар анҷоми хулоса тавсияҳои арзишманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ баён шудаанд.

Диссертатсияи мавриди назар роҷеъ ба муаммо ва вижагиҳои истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар он тадқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, таҳқиқи мавзуи мазкур иқдоми нек дар забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаву маводи илмии ба нашр расонидаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳое, ки дар зер қайд мешаванд барои беҳтар намудани сифати илмию амалии диссертатсия мусоидат хоҳад кард:

1. Мубрамияти тахкикро мебоист унвонҷӯй мушаххастар ва ба тартиби истидлолӣ баён менамуд, чун дар он бештар суханҳои умумӣ ироа шудаанд.

2. Таснифот ва таксимбандии фаслхо дар бобхои чудогона дар шакли гуногун ва аз ҳам фарккунанда оварда шудааст, ки яксон кардани ин таксимбандӣ ва таснифот ва риояи он ба манфиати кор аст.

3. Мавридҳои таҳлили муқоисавӣ ва таҳлили ҷанбаҳои типологии истилоҳот дар забонҳои мавриди таҳқиқ камранг ба назар мерасад.

4. Дар боби якум баъзе масъалаҳои назарии истилоҳот ба таври фарох баён шудааст, ки ибрози баъзе нуктаҳо такрори андешаҳои баёншуда аст.

5. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (саҳ.: 5, 9, 13, 16, 18, 20) ва техникӣ (4, 7, 11, 14, 18, 21) ба назар мерасанд.

Нуктаҳои зикршуда арзиши илмию назарӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳи онҳо саҳлу осон буда, ба манфиати кор аст.

Бо ҳамин тартиб диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст, кори илмии анҷомёфта аст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

Муқарриз: Ректори Филиали
Донишкадаи рушди менеҷменти
Сингапур дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои филология — Мухторов Зайнидин Мухторович

**04.03.2025.**

734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822